***ТДУ 534***
***DOI:10.24412-2077-4990-2024-178-92-96***

# ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТИ КАСБИИ ОМӮЗГОРОНИ ОЯНДАИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ ТОҶИК ВА ТАЪСИРИ ОН БА РУШДИ ШАХСИЯТ ДАР ШАРОИТИ НИЗОМИ КРЕДИТИИ ТАЪЛИМ

***Ҳакимова Шоира Исломовна**, н.и.ф., дотсенти кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷики МДТ "ДДХ ба номи акад. Б.Ғафуров" (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

# ФОРМИРОВАНИЕ ПРОФЕССИОНАЛЬНОЙ КОМПЕТЕНТНОСТИ БУДУЩИХ УЧИТЕЛЕЙ ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКА И ЛИТЕРАТУРЫ И ЕЕ ВЛИЯНИЕ НА РАЗВИТИЕ ЛИЧНОСТИ В УСЛОВИЯХ КРЕДИТНОЙ СИСТЕМЫ ОБРАЗОВАНИЯ

***Хакимова Шоира Исломовна,** к.ф.н., доцент кафедры методики преподавания таджикского языка и литературы ГОУ "ХГУ имени акад. Б.Гафурова" (Таджикистон, Худжанд)*

# DEVELOPMENT OF PROFESSIONAL COMPETENCE OF FUTURE TEACHERS OF TAJIK LANGUAGE AND LITERATURE AND ITS IMPACT ON PERSONAL DEVELOPMENT IN THE CONTEXT OF THE CREDIT EDUCATION SYSTEM

***Hakimova Shoira Islomovna, c.f.s.** Associate Professor of the Department of Methods of Teaching Tajik Language and Literature, SEI (Tajikistan, Khujand),*
***E-mail:** xakimova.shoira@mail.ru*

***Калидвожаҳо:** ташаккули салоҳият, салоҳияти касбӣ, салоҳияти касбии омӯзгорониояндаи забон ва адабиёти тоҷик, рушди шахсияти омӯзгор, низоми кредитии таълим, касби омӯзгорӣ, субъекти раванди педагогӣ*

*Мақола ба баррасии ташаккули салоҳияти касбии омӯзгорониояндаи забон ва адабиёти тоҷик ва таъсири он ба рушди шахсият дар шароити низоми кредитии таълим ихтисос ёфтааст. Қайд мешавад, ки касби омӯзгорӣ раванди дигаргунсозанда ва идоракунанда буда, барои идора кардани ташаккул ва рушди шахсияти хонандагон омӯзгор бояд мутахассиси салоҳиятдор бошад. Дар шароити низоми кредитии таълим, ки бештар ба муҳайё намудани шароит барои ҳадди аксар фардикунонии таълим ва пурзӯр намудани нақш ва самаранокии кори мустақилонаи донишҷӯён нигаронида шудааст, ба роҳ мондан ва такмили салоҳиятҳои касбии омӯзгорони оянда бештар дар давари таҷрибаомӯзии педагогӣ тиклг фароҳам меояд.Тазаккур меравад, ки салоҳияти касбии омӯзгориояндаи забон ва адабиёти тоҷик дар давраи таҷрибаи омӯзгорӣ бештар шакл мегирад, зеро қобилияти ҳамкории созанда бо синф ва истифода аз тамоми воситаву методҳои педагогӣ дар такмили маҷмӯи салоҳиятҳои касбии шахсияти омӯзгори оянда ташаккул меёбад.*

***Ключевые слова:** формирование компетентности, профессиональная компетентность, профессиональная компетентность будущих учителей таджикского языка и литературы, развитие личности учителя, кредитная система обучения, профессия учителя, субъект педагогического процесса*

*В статье основное внимание уделяется формированию профессиональной компетентности будущих учителей таджикского языка и литературы и ее влиянию на развитие личности в условиях кредитной системы обучения. Отмечается, что профессия учителя представляет собой преобразующий и управленческий процесс, а чтобы управлять формированием и развитием личности студентов, учитель должен быть компетентным специалистом. Кредитная система образования во многом направлена на создание условий для максимальной индивидуализации обучения, усиления роли и эффективности самостоятельной работы обучающихся.* Подчеркивается, *что профессиональная компетентность будущего учителя таджикского языка и литературы формируется в период педагогической практики, поскольку умение конструктивно сотрудничать с классом и использовать все педагогические средства и методы в совершенствовании комплекса профессиональных компетенций формируется личность будущего учителя.*

***Key words**: development of competence, professional competence, professional competence of future teachers of the Tajik language and literature, development of the teacher's personality, credit education system, teacher's profession, subject of the pedagogical process*

*The article focuses on the development of professional competence of future teachers of the Tajik language and literature and its impact on personality development in the context of the credit education system. It is noted that the teaching profession is a transformative and managerial process, and in order to manage the formation and development of the students' personality, the teacher must be a competent*

*specialist. In the context of the credit education system, which is largely aimed at creating conditions for maximum individualization of learning, strengthening the role and effectiveness of independent work of students, conditions are often created for the formation and improvement of professional competencies of future teachers. during pedagogical practice. It should be noted that the professional competence of the future teacher of the Tajik language and literature is formed during pedagogical practice, since the ability to constructively cooperate with the class and use all pedagogical means and methods in improving the complex of professional competencies is formed by the personality of the future teacher. It is noted that the professional competence of the future teacher of the Tajik language and literature is formed during the period of pedagogical practice, since the ability to constructively cooperate with the class and use all pedagogical means and methods in improving the complex of professional competencies forms the personality of the future teacher.*

Касби омӯзгорӣ, ки яке аз бошарафтарин касбҳои ҷомеа ба шумор рафта, возеҳӣ, мушаххасӣ ва мавқеи касбии намояндагони он аҳамияти калон дорад. Муаллим пеш аз ҳама субъекти раванди педагогӣ маҳсуб шуда, дар айни замон мақом ва мавқеи муаллими муосирро муносибати касбии ӯ нисбат ба вазифааш муайян мекунад. Дар ин росто, ташаккули ҷаҳонбинии муаллими забон ва адабиёти тоҷик, муносибаташ ба фаъолияти педагогӣ, ки манбаи такмил ва инкишофи ӯ мебошанд, муҳим арзёбӣ мегардад, зеро сифатҳои шахсии муаллим, пеш аз ҳама, хусусияти рушди иҷтимоии ӯ, рафтор ва муносибату масъулиятшиносӣ ба меҳнат ва тарзи муоширату муносибат ба таълимро ифода менамояд.

Мавқеи иҷтимоӣ ва мавқеи касбии ӯ асоси аввалиндараҷа ва таҳкурсии устувори рушди шахсияти муаллимиояндаи забон ва адабиёти тоҷик маҳсуб мешавад. Ба андешаи мо, ҳамаи ин ба ташаккули ҳавасмандӣ нисбат ба касби интихобкардааш, ҳадафу вазифаҳои раванди таълим ва фаъолиятҳое, ки дар давраи тайёрии касбии омӯзгори оянда муайян карда мешаванд, мусоидат мекунад.

Муҳимтарин ҷиҳати тайёр кардани муаллимони забон ва адабиёти тоҷик ин ташаккули салоҳияти касбии онҳо мебошад. Ин аст, ки дар баробари тайёрии касбӣ раванди ташаккули салоҳиятҳои касбии омӯзгорониояндаи забон ва адабиёти тоҷик аҳамияти хоса дорад.

Касби омӯзгорӣ раванди дигаргунсозанда ва идоракунанда буда, барои идора кардани ташаккул ва рушди шахсияти хонандагон омӯзгор бояд мутахассиси салоҳиятдор бошад.

Дараҷаи омодагии касбии омӯзгор ҳам ҷиҳати назариявӣ ва ҳам амалӣ ба раванди бевоситаи таълим хусусиятҳои хоси салоҳияти касбии ӯро инъикос намуда, маҳорату малакаи шахсияти омӯзгорро нишон медиҳад.

Шароити психологию педагогӣ асоси ташаккули салоҳияти касбии омӯзгориояндаи забон ва адабиёти тоҷик дар шароити таълими кредитӣ буда, ҳадаф ва вазифаҳои худро дорад ва дар ин самт ба муаллимони оянда доир ба асосҳо ва категорияҳои илми педагогӣ донишҳои методӣ-назариявӣ дода, шаклҳои инкишоф ва тарбияи шахсияти хонандагон, инчунин моҳият, мақсад ва технологияи раванди таълим, хусусиятҳои инкишофи равонӣ ва синнусолии мактаббачагон бояд омӯзонида шавад.

Дар ташаккули салоҳияти касбӣ донишҳои психологӣ, педагогӣ ва махсус (дар фанҳои таълимӣ) –и методӣ нақши муҳим доранд, аз ин рӯ, дар раванди ташаккули салоҳияти касбии омӯзгорониояндаи забон ва адабиёти тоҷик маҳорати педагогӣ ҷои муҳимтарин ва марказиро ишғол мекунад.

Маҷмӯи малакаҳое, ки ба донишҳои назариявӣ ва дастовардҳои омӯзгор асос ёфтаанд, ба ҳалли вазифаҳои аввалиндараҷаи ташаккули шахсияти ҳамаҷонибаи донишҷӯ нигаронида шудаанд. Маҳз ҳамин сифатҳо моҳияти маҳорати педагогӣ ва маҳорати омӯзгорро ташкил медиҳанд.

Дар асоси дарки дурусти моҳияти маҳорати педагогӣ метавон гуфт, ки донишҳои назариявӣ, сатҳи омодагии назариявӣ ва амалӣ, ҷанбаи эҷодии маҳорати педагогӣ, имкони такмили сифату маҳорати касбӣ тавассути фаъолгардонии раванди таълим дар ташаккули салоҳияти касбии омӯзгорони оянда нақши асосиро ишғол мекунад. Ниҳоят, барои баланд бардоштани маҳорати педагогии шахсияти омӯзгор имкониятҳои гуногуни ташкилию методӣ мавҷуданд.

Як қатор пажӯҳишгари ватанӣ [7,с.8-9; с.10-12] ва хориҷӣ, аз ҷумла В.В. Горшкова, Е.Ф.Зеер, Б.М. Игошева ва дигарон чунин мешуморанд, ки фаъолияти педагогии муаллим аз рӯи сатҳу сифати салоҳиятҳои касбии ӯ муайян, арзёбӣ ва баҳогузорӣ карда мешавад.

В.М. Игошев мавҷудияти сифатҳои ба шахсият нигаронидашуда ва қобилияти фардиро хусусияти арзишманд ва муҳимтарини фаъолияти касбии омӯзгор медонад. Дар ин доира ӯ вазифаҳои зеринро муайян мекунад:

-аҳамияти иҷтимоии фаъолияти омӯзгор, ки дар иштироки самараноки ӯ дар чорабиниҳои гуногун, аз ҷумла корҳои ҷамъиятӣ, лоиҳакашӣ, кор дар соҳаҳои гуногуни таълим ифода меёбад;

-мутобиқшавии бомуваффақияти муаллим ба шароиту вазъиятҳои гуногун, намудҳои гуногуни фаъолияти таълимӣ;

- эҷодкории омӯзгор, қобилияти эҷодкорӣ дар ҳама гуна вазъияти ғайричашмдошт[4, с.34-40].

Муҳаққиқ С.Н. Костромина проблемаи меъёрҳои арзёбии фаъолияти омӯзгорро ба назар гирифта, таъкид менамояд, ки омӯзгор бояд дорои сифатҳои шахсии зерин бошад:

1. Муаллим бояд ошкорбаён, амалаш эътимоднок, фаъолияташ самаранок, бодиққат, таҳаммулпазир бошад;

2. Муаллим бояд маҳорату малакаи худтанзимкунӣ, худмуайянкунӣ, гузоштани ҳадафро дошта бошад;

3. Муаллим бояд дорои малакаи тафаккури моҳияти дигаргунсозиҳо ва дигаргуниҳои дар ҷамъият ба амаломада бошад;

4. Муаллим бояд эҷодкорона фикр кардан, дар кори лоиҳавӣ оид ба масъалаҳои таълимӣ иштирок намуданро тавонад;

5. Муаллим бояд дорои қобилияти мутобиқ шудан ба шароити дигаргуниҳои куллии соҳаи маориф бошад [5, с.77-85].

Ҳоло дар ҷомеаи ҷаҳонӣ маориф омили бартаридоштаи тамаддуни башарӣ, бахусус таҳсилоти олӣ боқӣ мемонад, ки дар рушду такмили сифату қобилиятҳои шахсӣ, инчунин ташаккули салоҳиятҳои касбӣ мавқеи муҳимро ишғол менамояд. Дар ин маврид Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон низ соҳаи маорифро самти афзалиятнок эълон намуда, онро омили муҳимтарини таҳкими давлат ва наҷоти миллат номидаанд. Имрӯз вобаста ба баланд бардоштани сифати таълим ва тарбия, ворид гардидан ба фазои ҷаҳонии таҳсилот, омодасозии мутахассисони ҷавобгӯ ба ниёзҳои замон, ҳамзамон мутобиқати мазмуни таҳсилот ба шароити муосир дар назди маориф масъалаҳои муҳим гузошта мешаванд

Вазифаи мақсаднок инкишоф додани омодагии касбии донишҷӯёни ихтисоси забон ва адабиёти тоҷик, сарфи назар аз хусусиятҳои гуногунҷабҳаи он, ҳам ба ташкили раванди таълим, фаъолияти таълимии донишҷӯён ва ҳам ба ташкили чорабиниҳои беруназзинфӣ талаботи мушаххас мегузорад ва дар факултети филологияи тоҷик МДТ “ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров”баробари раванди таълим ба такмили салоҳияти касбии омӯзгорониояндаи забон ва адабиёти тоҷик диққати ҷиддӣ дода мешавад ва салоҳиятҳои номбаргашта дар доираи вазифаҳои зерин ташаккул дода мешавад::

- тарбияи сифатҳои арзишӣ-ахлоқию фарҳангии омӯзгорони оянда, ташаккули шахсияти аз ҷиҳати маънавӣ ва ҷисмонӣ баркамол, ки қодир ба такмили фаъолияти касбист;

- ташаккул ва инкишофи қобилиятҳои таълимӣ, маърифатӣ, эҷодӣ, фардии мутахассисони оянда;

-ташкили муҳити иҷтимоӣ-фарҳангии таълимӣ ва системаи мутобиқсозии иҷтимоӣ-психологии хонандагон;

-ташаккули хушмуомилагӣ, ҳамдигарфаҳмӣ, таҳаммулпазирӣ, масъулиятшиносӣ, ташаббускорӣ, худшиносии ҳуқуқӣ, қобилияти мустақилона ва эҷодкорона ҳалли масъалаҳои гузошташуда;

-фароҳам овардани имконият ва шароит барои худинкишофӣ ва худшиносии шахсияти мутахассиси оянда;

- тарғиби тарзи ҳаёти солим, пешгирии нашъамандӣ ва ҷинояткорӣ дар ҳаёти мутахассисони оянда;

-дастгирии фаъолияти фаъолонаи мақомоти идоракунии донишҷӯён, инкишоф додани системаи ташкилоту иттиҳодияҳои ҷамъиятии донишҷӯён, ҳавасмандгардонии ташаббусҳои созандаи донишҷӯён;

- рушди ифтихори миллӣ, ҳифз, густариши анъана ва расму оинҳои миллӣ ва донишгоҳӣ.

Корҳои эҷодии донишҷӯён, лоиҳаҳои тадқиқотии анҷомдодашуда, нашрияҳо ва грантҳои гирифташуда бояд натиҷаи заҳмати зиёди донишҷӯён бошад ва дар ин марҳила аломату хислатҳои мустақилият, назокат, масъулиятшиносӣ, ташаббускорӣ, қобилияти ба дараҷаи баланд иҷро намудани нақшаҳо, такмил додани донишу малакаи мавҷуда, ҳамкории созанда бо ҳамкорон ва муаллимон ташаккул меёбад. Ҳамаи ин дар ниҳояти кор самти дурусти ташаккули салоҳияти касбии муаллимониояндаро муайян мекунад ва ба ташаккули ҳавасмандӣ барои ноил шудан ба маҳорати касбӣ мусоидат намуда, ба дастовардҳои баланд дар ҳаёти донишҷӯӣ

дар донишгоҳ, ноил шудан ба комёбиҳои махсус дар фаъолияти таълимӣ, илмӣ, варзишӣ, ҷамъиятӣ ва ғайра, аз ҷумла ташаккули ҳисси ифтихор созгор хоҳад буд..

Дар мавриди фаъолияти иҷтимоию фарҳангии донишҷӯён бошад, он омили муайянкунандаи ташаккули салоҳияти касбии омӯзгорони оянда ва ташаккули сифатҳои шахсӣ ва касбии омӯзгорӣ мегардад.

Ҷомеа, муассисаҳои гуногуни таълимӣ, ки пайваста насли наврасро дар тӯли ҳаёташон дар шаклҳои гуногуни таҳсилоти касбӣ тарбия мекунанд, заминаи маҳорати касбиро мегузоранд. Аммо таҳияи стандарт ва стратегияи инфиродӣ барои рафтор ва рушди касбӣ ба худи шахс вобаста аст, ки дар ниҳоят худро ҳамчун мутахассиси соҳаи худ шакл ва сайқал медиҳад.

Албатта, ташаккули маҳорати касбии омӯзгориояндаро бе дониши қавӣ ва амиқ дар соҳаи муайяни илм ва ихтисос тасаввур кардан мумкин нест. Дар ҳама давру замон касбият мутобиқшавии равонии инсонро ба як ҷараёни муайяни иҷтимоӣ ифода менамояд.

Ҳамин тавр, «салоҳият» як нишондиҳандаи муҳим дар тайёр кардани омӯзгори оянда буда, маънои «мутобиқ шудан ва қобилияти ба чизе ноил шудан»-ро дорад. Аз ин ҷо ба хулосае омадан мумкин аст, ки мафҳуми «салоҳият», ки ба мафҳуми дар боло овардашуда наздик буда, пеш аз ҳама як қатор мушкилот ё самтҳои фаъолиятро дар назар дорад, ки шахс дар онҳо дониш ва таҷриба дорад, инчунин маҷмӯи ваколатҳои касбӣ ва ҳуқуқи шахсияти омӯзгорро ифода менамояд.

Ҳамин тавр, мафҳуми касбият имкониятҳои беназири омӯзгориояндаро барои амалӣ намудани нерӯи инкишофи эҷодии худ, ки ӯ ҳам дар марҳилаи тайёрии касбӣ ва ҳам бевосита дар худи фаъолияти касбӣ ба даст оварда метавонад, матраҳ мекунад. Аз ин рӯ, салоҳияти касбиро метавон ҳамчун шакл ва дараҷаи олии зуҳури сифатҳо ва маҳорати педагогӣ, донистани амиқ ва дақиқ дар бораи ӯҳдадориҳои бевоситаи худ, қобилияти самаранок иҷро кардани вазифаи худ тавсиф кард.

Таҷрибаи педагогӣ нишон медиҳад, ки омӯзгороне, ки хушмуомила ва истеъдоди таҳаммулпазирӣ доранд, калиди дили шогирдро пайдо карда метавонанд ва ин шонси беназири ба даст овардани нуфуз ва мавқеи сазовор дар фазои таълимӣ дорад.

Ба андешаи мо, моҳияти масъала дар он аст, ки фаъолияти педагогии омӯзгор бевосита ба муносибатҳои дуруст бо хонандагон, ба салоҳиятҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, пеш аз ҳама, тарзи муошират, қобилияти шунидан ва сухан гуфтан, психологӣ вобаста аст.

Амалия нишон медиҳад, ки байни салоҳиятҳои касбӣ ва шахсӣ фарқият вуҷуд дорад, гарчанде ки дар фаъолият онҳо дар ягонагӣ амал мекунанд. Тибқи назария, салоҳиятҳои касбӣ шарти муҳими фаъолияти бомуваффақият мебошанд, ки дар ибтидо дар муассисаҳои таълимии касбӣ ташаккул меёбанд. Бо вуҷуди ин, ҳаёт нишон медиҳад, ки муваффақият ва дастоварди касб бештар аз салоҳиятҳои шахсӣ вобаста аст. Дар асоси гуфтаҳои боло метавон гуфт, ки салоҳияти омӯзгор дар қобилияти ҳамкории созанда бо синф, бо истифода аз тамоми воситаву методҳои педагогӣ дар такмили салоҳияти касбии шахсияти омӯзгор муҳим аст.

**ПАЙНАВИШТ:**


1. Горшкова, В.В. Межсубъектные отношения в педагогическом процессе/В.В.Горшкова// Автореф. дис. д-ра пед. наук. СПб., 1992.-52с.
2. Дахин, А. Н. Моделирование компетентности участников открытого образования. Монография / А.Н. Дахин – М: Изд–во НИИ школьных технологий, 2009. –292 с.
3. Зеер, Э.Ф. Психология профессионального развития/Э.Ф.Зеер.- М.: Академия, 2006. - 240 с
4. Игошев, Б. М. Профессиональная мобильность учителя: организационно-педагогический аспект / Б. М. Игошев // Известия Уральского государственного университета. – 2008. – № 56. – С. 34-40.
5. Костромина, С.Н. Коммуникативная компетентность педагога как фактор успешности его диагностической деятельности/ С.Н.Костромина// Психологическая наука и образование. - 2007. № 3 .- С.77-85.
6. Мухторӣ, Қ. Модули таълимии курсҳои омӯзишии омӯзгорони фанни забони тоҷикӣ оид ба гузариши муносибатҳои босалоҳият дар таълим / Қ. Мухторӣ, Ф. Мирзоёров. – Душанбе, 2017. –79 с.
7. Негматов, С.Э. Компетентность учителя родного языка в учебном процессе/С.Э.Негматов// Вестник Академии образования Таджикистана. 2017 г. - №4. - С.12-21.
8. Ниёзов, Ф. Методикаи таълим дар низоми таълими салоҳиятнокӣ Модули 1 [Матн] / Ф.Ниёзов ва дигарон.– Душанбе, 2016.–141 с.

9. Нуров, А. Баъзе андешаҳо перомуни омӯзиш ва истифодаи таҷрибаи пешқадами педагогӣ [Матн] /А.Нуров/ Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. №2 (74) –Душанбе, 2018,– С. 10–13.
10. Сабуров, Х.М. Проблема толерантности в педагогической науке [Текст] / Х.М. Сабуров // Материалы VIII Международной заочной научно-практической конференции «Научная дискуссия: вопросы педагогики и психологии», часть I, Москва, 24 декабря 2012 – Москва Изд. «Международной центр науки и образования», 2012, – 186с. С. 55 – 58
11. Сабуров, Х.М. Маорифи миллӣ ва масъалаҳои пешқадами таълим ва тарбия. Монография/Х.М.Сабуров.-Хуҷанд:«Нури маърифат», 2018.– 316 с.
12. Шарифов, Ф. Педагогик/ Ф. Шарифов, И.Х. Каримова. –Душанбе: Ирфон, 2008. –284 с.
13. Ҳакимова, Ш.И. Таълими босалоҳият ҳамчун асоси методологии таҳсилоти муосир дар мактаби олӣ/Ш.И. Ҳакимова/ Муносибати салоҳиятнокӣ ба таълим ҳамчун асоси методологии таҳсилоти муосир. – Хуҷанд:«Нури маърифат», 2019. - С. 41-52.


**REFERENCES:**


1. Gorshkova, V.V. Intersubjective relations in the pedagogical process / V.V.Gorshkova // Abstract of Doctor of Pedagogical Sciences dissertation. SPb., 1992.-52 p.
2. Dakhin, A.N. Modeling the competence of participants in open education. Monograph / A.N. Dakhin - M: Publishing house of the Research Institute of School Technologies, 2009. -292 p.
3. Zeer, E.F. Psychology of professional development/E.F. Zeer. - M.: Academy, 2006. - 240 p.
4. Igoshev, B. M. Professional mobility of a teacher: organizational and pedagogical aspect / B. M. Igoshev // Bulletin of Ural State University. - 2008. - № 56. - P. 34-40.
5. Kostromina, S. N. Communicative competence of a teacher as a factor in the success of his diagnostic activity / S. N. Kostromina // Psychological science and education. - 2007. №. 3 .- P. 77-85.
6. Mukhtari, K. The educational module of training courses for Tajik language teachers on the transition of competent attitudes in education/K.Mukhtari,F.Mirzoyorov. - Dushanbe, 2017. -79 p.
7. Negmatov S.E. Competence of the teacher of the native language in the educational process. // Bulletin of the Academy of Education of Tajikistan. - 2017 . - No. 4. - P. 12-21.
8. Niyazov, F. Teaching methodology in the competency education system Module 1 [Text] / F. Niyazov and others.- Dushanbe, 2016.-141 p.
9. Nurov, A. Some thoughts about learning and using advanced pedagogical practice [Text] /A.Nurov// Bulletin of the Pedagogical University. No. 2 (74) - Monday, 2018, - P. 10-13.
10. Saburov, H.M. National education and advanced issues of education and training. Monograph/H.M.Saburov.-Khujand: The Light of Enlightenment, 2018.- 316 p.
11. Saburov, H.M. The Problem of Tolerance in Pedagogical Science [Text] / H.M. Saburov // Proceedings of the VIII International Correspondence Scientific and Practical Conference Scientific Discussion: Issues of Pedagogy and Psychology, Part I, Moscow, December 24, 2012 – Moscow: International Center for Science and Education Publ. 2012, – 186 p. Pp. 55 – 58
12. Sharifov, F. Pedagogical/ F. Sharifov, I.Kh. Karimova. -Dushanbe: Irfan, 2008. -284 p.
13. Hakimova, Sh.I. Competent education as a methodological basis of modern education in the higher school/S.I. Hakimova/ Competency approach to education as a methodological basis of modern education. - Khujand: The Light of Enlightenment, 2019. - P.41-52